# ХУЛОСАИ
## комиссияи экснертии Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-005 дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

**«15» 12 2020 г.** **ш. Душанбе**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати профессорон:
1. Раҷабов А. (раис)
2. Шарифзода А. (узви ҳайат)
3. Абдурашитов Ф. (узви ҳайат)

Рисолаи Ахмедов Фаррухзод Ҳасанович «Инъикоси таърихи халқи тоҷик дар асарҳои академик Абулғанӣ Мирзоев», ки барои дифоъ пешниҳод шудааст, таҳқиқоти мустақилона ва комил буда, ба талаботи муайяншуда ба рисолаҳои номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мутобиқат мекунад. Муаллиф дар рисолаи хеш фаъолияти илмии академик Абулғанӣ Мирзоевро дар омӯзиш ва баррасии ҳодисаҳои таърихии асрҳои миёна ва пасини Мовароуннаҳру Хуросон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Академик Абулғанӣ Мирзоев дар соҳаи улуми адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, робитаҳои адабӣ ва адабиёти шифоҳӣ осори боарзише офаридааст, ки ҷойгоҳи олимро дар ин соҳаҳои илм донишмандони дигар бо мақолаву рисолаҳои хеш мушаххас намудаанд.

Академик А.Мирзоев дар равшан кардани баъзе масоили сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии таърихи халқи тоҷик нақши муҳим дошта, то кунун осори дар заминаи таърихи халқи тоҷик офаридаи ӯ арзиши илмии худро ҳифз кардаанд.

Муаллифи рисола дуруст муайян кардааст, ки академик А.Мирзоев ба ҳангоми баррасии масъалаҳои адабиётшиносӣ, пеш аз ҳама ба таърихи он замон назар мекард ва чун муҳаққиқи дақиқназар собит сохт, ки омӯзиши масоили таърихи фарҳанги ин ва ё он даври мардуми тоҷик бе таҳқиқи бунёдӣ ва дарки масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии он имконнопазир аст. Ин услуби таҳқиқиро, ки А.Мирзоев онро дар адабиётшиносии тоҷик асос гузошт, минбаъд аз ҷониби олимон чун меъёри таҳқиқи илмӣ қабул гардид.

Таҳқиқи мавзӯи мазкур аз он ҷиҳат муҳим аст, ки то кунун осори ба илми таърих бахшидаи академик А.Мирзоев мавриди омӯзиши махсус қарор нагирифтаанд ва нақши олим дар илми таърихнигории тоҷик то ба ҳоло мушаххас нашудааст. Аз ин рӯ мубрамияти мавзӯи мавриди таҳқиқро муайян мекунад.

Рисолаи Ахмедов Фаррухзод Ҳасанович «Инъикоси таърихи халқи тоҷик дар асарҳои академик Абулғанӣ Мирзоев» аз муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти илмии

истифодашуда иборат аст. Муаллиф дар боби аввал марохили рушди А.Мирзоевро дар масири паймудани рохи илм таҳлил намуда, дар боби дувум накши олимро дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар асрҳои миёна ва пасин мушаххас кардааст.

Навоварии илмии таҳқиқот дар он аст, ки муаллифи рисола ба таври маҷмӯӣ раванди ташаккули дидгоҳҳои таърихии академик А.Мирзоев, нақши ӯ дар таҳлил ва тавзеҳи масоили таърихӣ ва баррасии таърихи фарҳанги халқи тоҷикро нишон додааст ва исбот намудааст, ки хулосаҳои илмии академик А.Мирзоев роҷеъ ба масоили таърихии асри миёна ва пасини халқи тоҷик ҳанӯз ҳам мавқеи сазовори хешро дар доираҳои илмӣ ҳифз мекунанд.

Натиҷаи ин таҳқиқро метавон ҳангоми баррасии таърихнигории ин ва ё он даври таърихи халқи тоҷик, ҳамчунин барои навиштани энсиклопедияҳо ва китобҳое, ки дар он чеҳраҳои мондагори илми таърихнигорӣ муаррифӣ мешаванд, истифода кард.

Мазмуни асосии рисола дар ҳафт мақолаи муаллиф, ки шаштои он дар маҷаллаҳои илмие, ки дар феҳристи КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ва КОА Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ воридаанд, баён шудааст.

Рисолаи номзадии Ахмедов Фаррухзод Ҳасанович «Инъикоси таърихи халқи тоҷик дар асарҳои академик Абулганӣ Мирзоев» аз рӯи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вероиш ба талаботи муқаррарнамудаи Дастури КОА Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ мувофиқ буда, муаллифи рисола барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор аст.

Комиссияи экспертӣ чунин хулоса мекунад, ки рисолаи номзадии унвонҷӯ Ахмедов Фаррухзод Ҳасанович «Инъикоси таърихи халқи тоҷик дар асарҳои академик Абулғанӣ Мирзоев» ба ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқ аст.

Комиссияи экспертӣ вобаста ба масъалаҳои зикршуда чунин қарор мекунад:

1. Рисолаи номзадии унвонҷӯ Ахмедов Фаррухзод Ҳасанович «Инъикоси таърихи халқи тоҷик дар асарҳои академик Абулганӣ Мирзоев» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ ба ҳимоя тавсия дода шавад.
2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод мегарданд:

а) Олимов Музаффар, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналмилалии ДМТ

б) Артиков Абдурафиқ, номзади илмҳои таърих, мудири кафедрати таърихи ватании Донишгоҳи Славянии Тоҷикистону Россия

в) Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров ба ҳайси муассисаи пешбар таъйин карда шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Раҷабов А.**

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**

**доктори илмҳои таърих, профессор** **Шарифзода А.**

**доктори илмҳои таърих, профессор** **Абдурашитов Ф.**

Имзоҳоро тасдиқ мекунам

Сардори шуъбаи кадрҳои Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ Г. Файзуллоева